«Тасдиқ мекунам»
Вазири тандурустӣ ва ҳифзи
иҷтимоии аҳолӣ, муовини раиси
Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ
_________ Абдуллозода Ҷ.А.
«20» феврали соли 2026

Протоколи № 4/25-9
ҷаласаи ғайринавбатии Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии
мубориза бар зидди бемориҳои пайдошудаи норасоии масуният,
сил ва вараҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (КМҲ)

13 феврали соли 2026 — ш. Душанбе

Раисӣ кард:

Абдуллозода Ҷ. - вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ - муовини раиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ.

Иштирок намуданд:

Амирзода А. - муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Норзода Ш. - муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Каримзода Р. - муовини вазири маориф ва илм, Холиқзода Б. - муовини вазири корҳои дохилӣ, Идибек Қ. - муовини вазири корҳои хориҷӣ, Назарзода К. – муовини сардори раёсати буҷаи соҳаи иҷтимоии Вазорати молия, Файзуллозода Ф. - сардори раёсати рушди соҳаҳои иҷтимоии Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Асозода М. – сардори раёсати тиббии сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Абдулҳафиззода Ҳ.- сардори раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Абдулмаинзода З. - муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оила, Раҳимзода Ш. - муовини якуми раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, Рустамзода Д. - муовини раиси Кумитаи телевизион ва радио, Олимзода Ф. - муовини раиси Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросим, Судипто Мукерҷи - намояндаи доимии Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сафаров А. – корманди дафтари Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳайдарова Т. – роҳбари ташкилоти ҷамъиятии «Шабакаи Тоҷикистонии занони мубталои ВНМО», Наимов С. – роҳбари Ассотсиатсияи "Ҳамкории боздошти сил дар Тоҷикистон", Саидова Н. – роҳбари ташкилоти ҷамъиятии «Гендер ва тараққиёт», Ҷамолов П. – роҳбари ташкилоти ҷамъиятии «Спин Плюс», Файзов Н. – роҳбари ташкилоти ҷамъиятии «Свон Плюс».

Даъватшудагон:

Ниятбеков Ш. – корманди Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон, Трофименко Н. - ҳамоҳангсози Лоиҳаи Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон оид ба бемории ВНМО, Сироҷиддинзода И. - роҳбари Гурӯҳи татбиққунандаи лоиҳаи назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Холов С.- ҳамоҳангсози барномаҳои ВНМО ва сили Гурӯҳи татбиққунандаи лоиҳаи назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Сатторов С. - директори муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Солиев А. - муовини директори муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Исмоилова Ҷ. - роҳбари гурӯҳи Агенти маҳаллии Хазинаи глобалӣ дар Тоҷикистон, Наҷмуддинзода Н. - муовини сардори раёсати тиббии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Авғонов З. – котиби масъули КМҲ, Насибов О. – ёрдачии котиби масъули КМҲ.

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Оид ба муайян намудани Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати гирандаи асосии гранти Хазинаи глобалӣ дар доираи давраи грантии 8-ум (солҳои 2027-2029).

2. Оид ба лоиҳаи "Нақшаи гузариши гирандаи асосии гранти Хазинаи глобалӣ дар доираи давраи грантии 8-ум (солҳои 2027-2029) аз Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон".

Абдуллозода Ҷ. - вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ - муовини раиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ ҷаласаро оғоз намуда, рӯзномаи ҷаласаро эълон намуд, ки он аз ҷониби аъзоёни Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ якдилона дастгирӣ ёфт. Миннатдории худро ба Хазинаи глобалӣ дар самти дастгирии молиявии татбиқи барномаҳои миллӣ оид ба пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО ва сил дар Тоҷикистон изҳор намуд.

Вобаста ба **масъалаи якуми** рӯзнома гузориши муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амирзода А. шунида шуд. Ӯ зикр намуд, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути сохторҳои худ солҳои тӯлонӣ дар амалишавии грантҳои Хазинаи глобалӣ ҷиҳати самаранок ва сари вақт амалисозии барномаҳои миллӣ дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО ва сил фаъолона иштирок намуда, дар самти пешгирӣ, ташхис, табобат ва нигоҳубини беморон ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Аз ҷумла, соли 2025 дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Гурӯҳи татбиққунандаи лоиҳа (ГТЛ) ҳамчун зергирандаи гранти Хазинаи глобалӣ таъсис дода шуд, ки яке аз мақсадҳои он минбаъд

ба зиммаи худ гирифтани вазифаи гирандаи асосии грантҳои Хазинаи глобалӣ мебошад. Бо мақсади таъмини гузариши минбаъдаи идоракунии грантҳо ба ГТЛ, аз ҷониби ГТЛ якҷо бо Барномаи Рушди СММ як қатор корҳои назаррас, аз ҷумла, ҷамъоварӣ ва таҳлили ҳисоботи молиявии зергирандагони гранти Хазинаи глобалӣ, назорати иҷрои ҳадафҳои грант, мониторинги таъминоти доруворихо барои беморони ВНМО ва сил ва таъмини ҳамоҳангсозии фаъолият байни зергирандагони грант амалӣ шуданд. Баён гардид, ки айни замон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тасмим гирифтааст, ки дар давраи грантии 8-ум (барои солҳои 2027-2029) вазифаи гирандаи асосии гранти Хазинаи глобалиро дар доираи давраи грантии 8-ум амалӣ намояд. Илова намуд, ки гузариш ба модели миллии гирандаи асосӣ дар марҳилаи навбатӣ ба як қатор омилҳо, аз ҷумла мутобиқат намудан ба сиёсати Хазинаи глобалӣ ҷиҳати дар чорчӯбаи гузариши устувори ҳаммаблағгузории Хазинаи глобалӣ, таъмини амалигардонии саривақтӣ, банақшагирифташуда ва идорашавандаи грантҳо мутобиқ мебошад. Бо дарназардошти дар марҳилаи анҷомёбӣ қарор доштани гранти ҷорӣ ва дастовардҳои бадастомада ҳамчун гирандаи асосии давраи грантии 8-ум муайян намудани Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба мақсад мувофиқ мешуморем. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ин самт якҷо бо Хазинаи глобалӣ ва Барномаи Рушди СММ ҳамкории зич ба роҳ мондааст. Тибқи талаботи Хазинаи глобалӣ дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ арзёбии қаблӣ гузаронида шуда, ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори кормандон ва беҳтар намудани заминаи моддию техникӣ маҷмӯи чорабиниҳои мушаххас пешбинӣ карда шуданд, ки ин раванд ба тадриҷан интиқол додани вазифаи гирандаи асосии грант, аз худ намудани низомҳо ва расмиёти Хазинаи глобалӣ дар амал, ҳамоҳангсозии низомҳои миллӣ бо талаботҳои Хазинаи глобалӣ ва коҳиш додани хавфҳои марбут ба гузариш мусоидат менамояд. Соли 2026 ҳамчун соли гузариш пешниҳод мегардад, ки дар доираи он вазифаҳои асосии гирандаи асосӣ бояд аз ҷониби Гурӯҳи татбиққунандаи лоиҳа аз худ ва тадриҷан қабул карда шуда, то анҷоми давраи амалигардонии гранти ҷорӣ Барномаи рушди СММ вазифаи гирандаи асосиро амалӣ намояд. Изҳор намуд, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода аст, ки вазифаи гирандаи асосии гранти навбатии Хазинаи глобалиро дар давраи грантии 8-ум ба пуррагӣ иҷро намояд. Таклиф намуд, ки пешниҳод оид ба муайян намудани Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамчун гирандаи асосии давраи грантии 8-ум аз ҷониби Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ баррасӣ ва ҷонибдорӣ карда шавад.

Дар робита ба **масъалаи дуюми** рӯзнома роҳбари Гурӯҳи татбиққунандаи лоиҳаи назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддинзода И. маълумот пешниҳод намуд. Қайд гардид, ки Нақшаи гузариш татбиқ намудани маҷмӯи

чорабиниҳоро вобаста ба таври марҳилавӣ аз Барномаи Рушди СММ ба Гурӯҳи татбиққунандаи лоиҳаи назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштани вазифаҳои калидии идоракунии грантҳои Хазинаи глобалӣ (молия, харид, арзёбӣ, идоракунии зергирандагони грант) пешбинӣ менамояд. Таъкид намуд, ки пешниҳодҳои Хазинаи глобалӣ оид ба гузариш ба модели миллии гирандаи асосӣ пурра ба сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба устуворӣ, гузариш ва ҳаммаблағгузорӣ мутобиқ буда, гузариши саривақтӣ ва идорашавандаро дар шароити мавҷуд будани иқтидори мувофиқ пешбинӣ менамояд.

Судипо Мукерҷи, намояндаи доимии Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон иқдоми Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар хусуси ба зиммаи худ гирифтани вазифаи гирандаи асосии гранти Хазинаи глобалӣ дар доираи давраи грантии 8-ум пурра ҷонибдорӣ намуд. Қайд намуд, ки гузариши вазифаи гирандаи асосии гранти Хазинаи глобалӣ аз Барномаи Рушди СММ ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ имкон медиҳад, ки устувории амалишавии чорабиниҳо дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО ва сил дар Тоҷикистон таъмин гардад. Таъкид намуд, ки Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон омода аст, ки дар гузаронидани арзёбии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалишавии Нақшаи гузариши гирандаи асосии гранти Хазинаи глобалӣ дар доираи давраи грантии 8-ум аз Барномаи Рушди СММ ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон кумак расонад.

Аз натиҷаи баррасии масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ қарор кард:

1. Гузориши Амирзода А., муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шавад.

1.1. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати гирандаи асосии гранти Хазинаи глобалӣ дар доираи давраи грантии 8-ум (солҳои 2027-2029)" муайян карда шавад.

2. Нақшаи гузариши гирандаи асосии гранти Хазинаи глобалӣ дар доираи давраи грантии 8-ум (солҳои 2027-2029) аз Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

2.1. Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои саривақтии Нақшаи гузариши гирандаи асосии гранти Хазинаи глобалӣ дар доираи давраи грантии 8-ум (солҳои 2027-2029) аз Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намояд.

Котиби масъули
Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ — Авгонов З.